Ҳар ки барои Аллоҳ масҷиде бино кунад, Аллоҳ барои ӯ дар биҳишт монанди он хоҳад сохт

Аз Маҳмуд ибни Лабид (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Усмон ибни Аффон хост масҷидро бозсозӣ кунад, аммо мардум инро написандиданд ва дӯст доштанд, ки онро ба ҳамон шакле, ки буд боқӣ мегузошт. Пас, эшон фармуданд: Шунидам, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "Ҳар ки барои Аллоҳ масҷиде бино кунад, Аллоҳ барои ӯ дар биҳишт монанди он хоҳад сохт."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Усмон ибни Аффон (разияллоҳу анҳу) хост, ки масҷиди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро беҳтар аз сохти аввалаш бозсозӣ кунад, аммо мардум ин корро написандиданд. Ба сабаби он ки сохти масҷид аз шеваи сохтанаш дар замони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тағйир меёфт, масҷид бо хишт сохта шуда буд ва боми он аз барги хурмо буд, аммо Усмон мехост, ки онро бо сангу хишт бисозад. Усмон (разияллоҳу анҳу) дар хитоб ба мардум фармуд, ки аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидааст, ки мефармояд: Ҳар ки масҷидеро барои талаби розигии Аллоҳ Таъоло, бидуни риё ва худнамоӣ бисозад, Аллоҳ ба ӯ подоши беҳтар аз ҷинси амалаш ато мекунад. Ва он подош он аст, ки Аллоҳ барои ӯ монанди онро дар биҳишт хоҳад сохт.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65089